Ба Шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сирочидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла чорводорӣ як бахши камдаромад ва барои иқтисодиёт ҷолиби диққат маҳсуб ёфта, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бояд муносибатҳои нав ба ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, баҳодиҳии он хусусан самти ширдеҳ дар асоси омӯзиши васеи ҳолат ва шароити хоҷагиҳо, омилҳо ва механизмҳои фаъолияти устувори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин механизми иқтисодии рушди саноатии коркарди маҳсулоти соҳаи мазкур зарур мебошад. Омӯзиши нокифояи ин масъалаҳо, аҳаммияти амалии таъмини рушди самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводории самти ширдеҳ дар ташкилотҳои кишоварзии бо шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ асосёфта сабаби амалӣ гаштани мавзуи кор мубрамият, мақсад ва вазифаҳои рисолаи илмиро исбот менамоянд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кори таҳқиқотиаш ақидаи зумраи олимонро оиди моҳият, мафҳум ва тавсифи ниҳоии самара ва самаранокии иқтисодӣ арзёби намуда дар асоси онҳо фаҳмиши худро амиқ таҳррези намудааст, аҳаммияти хосеро додааст.

Диссертант дар асоси таҳлили ҳолати ҳозираи зеркомплекси чорвои ширдеҳ дар миқёси НТҶ, бо нишондиҳандаҳои оморӣ ва муҳосибӣ истеҳсоли шир, хароҷот ва даромад, саршумори чорво, низоми хӯрока ва тарзи нигоҳубини мавриди таҳлил ва натиҷабарории мушаххас арзёби намудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоташ ҷанбаҳои назариявию услубӣ оид ба ташкили кластер, модели онро дар соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ пешниҳод намудааст, ки дар он истеҳсолкунандагони маҳсулот, корхонаҳои коркарди шир аз аввала то ниҳоӣ, бозори фурӯш ва ташкилотҳои хизматрасонӣ ба таври мушаххас муайян ва асоснок намудааст.

Унвончӯй исбот намудааст, харитаҳои технологӣ қисмҳои асосии технологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилиро дар бар гирифта ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси худро дороянд ва ҳамчун асоси ҳамаи амалиётҳои амиқи равандҳои истеҳсоли дар он акси худро меёбанд. Бо назардошти

маълумотҳои мушаххас: нақшаи хӯрокаи чорвои ширдеҳ ба як сар, сарфи хӯрока, хароҷоти меҳнат, ҳамаги истеҳсоли шир ва нишондиҳандаҳои арзиший бо назардошти тарзи нигоҳдорӣ ва самаранокии технологияҳои гуногун таҳрези ва исбот шудааст, ки сифати кори мазкурро баланд намудааст. Аз он мебарояд, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ арзёби шуда комилан иҷро кардааст.

Дар баробари тарафҳои мусбии диссертатсия ба фикри мо дар автореферати мазкур камбудӣ низ ба назар мерасад:

-дар баробари арзёбӣ гаштани ҳолати соҳаи чорвои калони шохдори самти ширдеҳ дар хоҷагиҳои таҳлилгашта як чанд мисол аз хоҷагиҳои аҳолӣ оварда мешуд.

Қайд кардан зарур аст, ки эроди таъкидшуда хусусияти тавсиявиро доро буда сифат ва арзиши кори иҷрогардидаро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди милии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев М.М.

Имзои "Асоев Муфараҳ Мазоридиновичро тасдиқ менамоям,

Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насруддинзода А.**

30.07.2026

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email: info@apa.tj
Телефон: (+992 (37) 224-17-86